**ТДУ 338.1:657.22**

# БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН ВА РОҲҲОИ ТАКМИЛ ДОДАНИ ОН ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

**Шарифов З.Р.-** д.и.и., профессор, **Қурбонов М.К.-** магистр,
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур.

***Калимаҳои калидӣ:*** *баҳисобгирии муҳосибӣ, захираҳои замини кишоварзӣ, амалиёти хоҷагӣ, корхонаҳои кишоварзӣ, иттилоот, мушкилотҳои баҳисобгирии захираҳои замини кишоварзӣ.*

Соҳаи кишоварзӣ дорои захираҳои гуногун буда, замин яке аз ин захираҳо мебошад, ки вай хусусиятҳои муҳими зеринро дорад: замин бо меҳнати одам бунёд карда намешавад, ӯ маҳдуд мебошад, вай бо дигар захираҳои истеҳсолот иваз карда намешавад, агар онро дуруст истифода барем, вай метавонад ҳосилнокии гумкардаро барқарор ва сатҳи онро баланд бардорад. Замин асоси ҳамаи иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ буда, ҳамчун предмети меҳнат баромад мекунад. Ҳолати молиявии корхонаҳои кишоварзӣ аз истифодаи самараноки захираҳои замин вобаста мебошад. Замин, ки ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибии соҳаи кишоварзӣ мебошад, бахисобгирии дурусти қитьаҳои он ба яке аз мушилоти ҷиддии соҳа мубаддал гаштааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба захираҳои замини кишоварзӣ баъди гузаронидани ислоҳоти замин, ки дар солҳои 90-уми асри XX гузаронида шуд ба қитъаҳои замини кишоварзӣ диққати бештар дода шуд. Мувофиқи моддаи 13-уми конститутсия замин, сарватҳои зеризаминӣ моликияти истисноии давлатӣ мебошад ва он дар мавридҳои алоҳида метавонад дар истифодаи хусусӣ ва шаклҳои дигар бошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замин танҳо моликияти давлатӣ буда, хариду фурӯши он маън аст, аммо муомилоти иҷора, гарав имконпазир мебошад. Имрӯз баҳри амалӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» дар асоси «Дастури услубӣ оид ба баҳои сифатии хок ва баҳои иқтисодии заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаи баҳои иқтисодии заминҳои кишоварзии хоҷагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар мамлакатамон захираҳои замини кишоварзӣ хусусиятҳои молро пайдо кардааст ва он нархи арзиши истеъмолиро доро мебошад ва имконияти ивази соҳибмулкро дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 90-уми асри XX санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расиданд, ки онҳо бо қитъаҳои замини кишоварзӣ гузаронидани ҳар гуна амалиёти хоҷагиро ба танзим медароранд. Дар асоси онҳо бо замини кишоварзӣ гузаронидани муомулоти гуногун иҷозат дода мешавад ва вай объекти баҳисобгирии муҳосибӣ мегардад. Дар ин ҳолат мушкилоти ҷудогона ба миён меояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон усули аниқи баҳисобгирии муҳосибии қитъаҳои замини кишоварзӣ таҳия нагардидааст ва махсусан ҳолате, ки имконияти муайянкунии махсусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии фурӯш, иҷора, гарави қитъаҳои заминро доро бошад.

Дар замони имрӯза, ки қисми зиёди заминҳои киштзор аз моликияти давлатӣ ба моликияти хусусӣ, умумию ҳиссавӣ ё умумии муштарак гузаштанд. Дар натиҷаи дертар қабул кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба пайдоиши мушкилоти зиёди баҳисобгирӣ ҳангоми инъикоси қитъаҳои замини кишоварзӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи корхонаҳои кишоварӣ оварда расонд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25-уми марти соли 2011, №702 танзим гардида, дар асоси қонуни мазкур дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ қабул ва мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Мақсади асосии баҳисобгирии муҳосибии қитъаҳои замини кишоварзӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ дастрасии иттилооти пурра ва дуруст дар бораи захираҳои замини корхонаҳои кишовазӣ мебошад, ки барои истифодабарандагони берунӣ ва дохили зарур мебошад. Ин иттилоот барои истифодабарандагони берунӣ барои таъмини иттилоот дар арзёбии ҷаззобияти кредитӣ ва сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ ва барои истифодабарандагони дохилӣ ин иттилоот барои қабули қарорҳои идоравӣ зарур аст, ки ба таъмини истифодаи сарфакорона ва самараноки қитъаҳои замини кишоварзӣ равона карда шудааст.

Барои амалӣ намудани мақсадҳои гузошташуда корхонаҳои кишоварзиро зарур аст, як қатор вазифаҳои зеринро ҳал намоянд:

• таъмини таҳияи аниқи ҳуҷҷатӣ ва инъикоси саривақтӣ дар ҳисоботҳои баҳисобгирии муҳосибӣ амалиётҳо оид ба воридот, сохтори заминҳои киштзор, инчунин муносибатҳои дигар бо заминҳои кишоварзӣ;

• муҳайё намудани шароит ва пойгоҳи иттилоотӣ барои назорати мунтазам аз болои нигоҳдорӣ, ҳифз ва беҳтаргардонии хусусиятҳои сифатии хок, самаранокии истифодаи қитъаҳои замини корхонаҳои кишоварзӣ;

• назорати саривақтӣ ва пуррагии инъикоси ҳамаи амалиёти хоҷагӣ дар феҳристҳои баҳисобгирӣ, ки бо мавҷудият ва сифати қитъаҳои замини кишоварзӣ вобастаанд ва маблағгузории ҳамасола барои беҳтар намудани ҳолати заминҳои кишоварзӣ;

• таъмин намудани хадамоти баҳисобгирии корхонаҳои кишоварзӣ бо иттилооти объективӣ, ки барои ташаккули ҳисоботдиҳии муҳосибӣ зарур мебошад;

• назорати саривақтӣ, дуруст ва инъикоси ҳиссаи пардохти андози замин дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ.

Дар вақти истифодабарии қитъаҳои замини кишоварзӣ аз тарафи корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ё хоҷагиҳои аҳолӣ мувофиқи нақшаи ҳисоботҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ - хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми майи соли 2011, №41 тасдиқ карда шудааст, воситаҳои асосӣ дар гурӯҳи ҳисоби 11000 ба ҳисоб гирифта шуда, ҳисоби 11070 «Ободонии қитъаҳои заин» дар асоси ҳисобҳои пардохткардашуда ё ба пардохт қабулкардаи фурӯшандагон ба корреспонденсия бо кредити ҳисоби 10400 ё 10500 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо дебеторон ва кредиторон гуногун» 10110 «Ҳисобҳои воситаҳои пулӣ» инъикос карда мешаванд.

Дар ҳисоби 11070 «Ободонии қитъаҳои замин» ба арзиши хароҷот барои қитъаҳои замин, инчунин хароҷот оид ба беҳтаркунии ҳосилнокии замин, ҳавасмандкуниҳои комиссионӣ ва дигар пардохтҳоро ворид менамоянд. Баҳисобгирии таҳлилии қитъаҳои заминро ба ҳисоби гектарҳо ва арзиши ба миёномада, аз рӯйи намудҳои заминҳои киштзор анҷом дода мешавад.

Захираҳои замини корхонаҳои кишоварзӣ ҳамчун объекти воситаҳои асосӣ ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо карда мешаванд. Махсусияти асосии баҳисобгирии заминҳои кишоварзӣ аз он иборат мебошад, ки дар онҳо гузаронидани амортизатсия мавҷуд нест. Гузаронидани хароҷот оид ба беҳдошти замин ба арзиши асосии маҳсулот якбора анҷом намеёбад, чунки онҳо арзиши аввалияи объекти воситаҳои асосиро ташкил медиҳанд. Ин хусусиятҳо аломатҳои муҳимтарини ҷудокунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ аз номгӯйи умумии воситаҳои асосии корхонаҳои кишоварзӣ мебошанд.

Қайд намудан бомаврид аст, ки ташаккулдиҳии усули алоҳидаи баҳисобгирии захираҳои заминҳои кишоварзӣ талаботи муносибатҳои муосири заминию моликиятӣ ба шумор меравад. Оид ба захираҳои замини кишоварзӣ ҳатто тибқи СҲМБДТ 17 «Воситаҳои асосӣ» қоидаҳои аниқ ва назарияи таҳияшудаи баҳисобгирӣ арзи вуҷуд надорад. Аз ин ҷо бармеояд, ки раванди баҳисобгирии муносибатҳои замимию моликиятӣ дар самти ҳаракат ба таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ бояд мутобиқ карда шавад. Пешниҳод менамоем, ки баҳисобгирии мустақилонаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ дар ҳисоби дигар имконият медиҳад, ки категорияи мазкури захираҳои корхонаҳои кишоварзӣ мушаххас карда шавад.

Ҳангоми баррасӣ намудани захираҳои замини кишоварзӣ ва низоми баҳисобгирии он чанд мушкилоти зерин мушоҳида мегардад, ки ҳалли онҳо зарур аст:

• истифода намудани санади қабул-супурдани воситаҳои асосӣ (шакли ВА-1) ҳамгоми баҳисобгирии қитъаҳои замини кишоварзӣ. Бояд қайд кард, ки дар ин ҷо реквизитҳои зиёде мавҷуданд ва ҳамгоми амалиётҳои хоҷагӣ бо захираҳои замини кишоварзӣ пур кардани онҳо номумкин аст. Ичунин муҳосиб дар даст маълумоти алоҳидаеро, ки барои инъикоси объект дар баҳисобгирӣ зарур аст надорад. Мисол, сатре вуҷуд надорад, ки дар вай майдони қитъаи замини кишоварзӣ сабт карда шавад. Ин масъала такмил додани шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияро оид ба баҳисобгирии захираҳои замини корхонаҳои кишоварзиро тасдиқ менамояд;

• истифода намудани китобҳои заминию кадастрӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ. Дар ин ҳуҷҷат андозаҳои заминҳои кишоварзӣ танҳо бо нишондиҳаандаҳои натуравӣ инъикос меёбад, ки вай дар шароити муосир барои баҳисобгирии пурраи объектҳои мазкур кифоя намекунад. Инчунин дар ин ҳуҷчат ҳаракати захираҳои замини кишоварзӣ, воридот ва баровадани онро назорат кардан мушкил мебошад. Аз ин

бармеояд, ки ҳаҷми пурраи маълумотеро, ки барои муҳосиб зарур аст дар ин ҳуҷҷат вуҷуд надорад.

Ҳамин тариқ, замини кишоварзӣ захираи хеле муҳимест, ки дар баланси корхонаҳои кишоварзӣ мавҷуд мебошад. Ҳалли мушкилоти қайд карда шудаи баҳисобгирии захираҳои замини кишоварзӣ имконият медиҳад, ки иттилооти ҳақиқӣ оид ба захираҳои замини корхонаҳои кишоварзӣ пайдо карда шавад.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ аз 25-уми марти соли 2011, №702.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 2016 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» аз 12 майи соли 2001, №18.
4. Абдалимов А., Бобоев Д., Абидова Н.Д., Мухиддинова С.С. Инструкция и методические указания по проведению бонитировки почв и оценка земель Республики Таджикистан. Душанбе, 2002. - 65 с.
5. Нақшаи ҳисоботҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ- хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бо фармоиши Вазорати молияи ё Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми майи соли 2011, №41
6. *Шарифов, З.Р.* Мушкилоти баҳисобгирии муҳосибии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ / З. Р. Шарифов, Ш. Давлаталӣ // ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур. Баҳисобгирии муҳосибӣ: ҳолат, дурнамо ва муаммоҳои он. Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ –Душанбе. -2019.- С.17-21.


## АННОТАЦИЯ

## БУХГАЛТЕРСКИЙ УЧЁТ В ИСПОЛЬЗОВАНИИ ЗЕМЕЛЬНЫХ РЕСУРСОВ И ЕГО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ


В статье рассматривается вопрос реформы бухгалтерского учета земельных ресурсов в сельском хозяйстве. Авторы подтверждают, что в процессе бухгалтерского учёта земельных ресурсов появляются определенные проблемы, решение которых обеспечивает доступ к достоверной информации о земельных ресурсах на данном этапе.



***Ключевые слова:*** *бухгалтерский учёт, земельные ресурсы, сельское хозяйство, хозяйственные операции, сельскохозяйственные предприятия, информация.*


## ANNOTATION

## ACCOUNTING OF THE USE OF LAND RESOURCES AND ITS IMPROVEMENT IN AGRICULTURE


The article discusses the issue of reforming the accounting of agricultural land resources. The authors confirm that in the process of accounting for agricultural land resources, certain problems arise, the solution of which provides access to reliable information about agricultural land resources.



***Key words****: accounting, agricultural land resources, business operations, agricultural enterprises, information, problems of accounting for agricultural land resources.*